# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи "Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда"

Лоиҳаи Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда (минбаъд – Тартиб) бо мақсади мусоидат намудан ба фаъолияти самаранок ва мунтазами низоми пардохтӣ мутобиқи қисми 5 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» таҳия гардида, тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои онро муқаррар менамояд.

Лоиҳаи Тартиб дар доираи Созишномаи байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Корпоратсияи молиявии байналмилалӣ (IFC) дар якҷоягӣ бо мушовирони байналмилалӣ дар заминаи таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ таҳия шуда, бо мақсади татбиқ намудани муқаррароти он нисбати ташкилотҳои назоратшаванда (операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ, ки ташкилоти қарзии молиявӣ намебошанд) пешбинӣ шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки айни замон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба 4 низоми пардохтии ватанӣ ва 7 низоми пардохтии байналмилалӣ иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ дода шудааст. Бинобар ин, бо мақсади амалисозии назорати низоми пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати таҳия ва қабул намудани тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда ба миён омадааст.

Фаъолияти операторони низоми пардохтӣ ва операторони хизматрасониҳои инфрасохтори пардохтӣ хусусияти ба худ хос дошта, танзиму назорати онҳо бояд дар асоси назорати ба хавф нигаронидашуда дар доираи Принсипҳои инфрасохтори бозори молиявӣ аз 16 апрели соли 2012, ки дар ҳамбастагӣ аз ҷониби Бонки ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ ва Ташкилоти байналмилалии комиссияҳои коғазҳои қиматнок таҳия шудааст, амалӣ карда шавад.

Мақсади асосии гузаронидани санҷиши фаъолияти ташкилоти назоратшаванда санҷиши мутобиқат ва риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии мутобиқи қонуни мазкур қабулшуда мебошад.

Дар заминаи Тартиби мазкур гузаронидани санҷиши нақшавӣ ва ғайринақшавии ташкилотҳои назоратшаванда бо назардошти таҳлили масъалаҳои сохтори ташкилию ҳуқуқӣ, қоидаҳои низоми пардохтӣ, вазъи молиявӣ, мақоми роҳбарикунандаи низоми пардохтӣ, ташкили назорати дохилӣ, таҳлил ва идоракунии хавфҳо, таъмини фаъолияти муттасили низоми пардохтӣ, сиёсати бехатарӣ ва ҳифзи иттилоот, дурустии ҳисобот ва баррасии натиҷаҳои санҷишҳои қаблӣ амалӣ карда мешавад.

Дар лоиҳаи Тартиби мазкур муносибатҳои тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гурӯҳи санҷишӣ ва ташкилотҳои назоратшаванда, инчунин равандҳои омодагӣ ва гузаронидани санҷиш, талабот нисбат ба тартиб додани санади санҷиш ва дигар масъалаҳои гузаронидани санҷиши ташкилотҳои назоратшаванда ба танзим дароварда шудаанд.

Қабул гардидани Тартиби мазкур боиси пешравии фаъолияти ташкилотҳои назоратшаванда ва рушди хизматрасониҳои пардохтӣ дар доираи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқукии Бонки миллии Тоҷикистон, таъмини субот, бехатарӣ ва муассирии низоми пардохтӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ ва фарогирии молиявии аҳолӣ мегардад.

Қабули Тартиби мазкур ба ташкилотҳои назоратшаванда уҳдадориҳо, монеаҳо ва маҳдудиятҳои барзиёдро дар фаъолияти онҳо эҷод наменамояд ва аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад.

Муовини раис Назирӣ Г. Н.